## Меъёри бозтамвил бетағйир нигоҳ дошта шуд

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бетағйир дар сатҳи 14,75 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои вазъи иқтисоди берунию дохилӣ, таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ва фишорҳои таваррумӣ қабул гардид.

***Раванди таваррум ва омилҳои таъсиррасон***. Тибқи маълумоти ҷамъбастӣ дар семоҳаи якуми соли 2018 сатҳи таварруми солона тамоюли муътадили болоравиро дошта, бо арзёбии солона ба 7,8 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 5,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Раванди таварруми бавуқӯъомада интизоршаванда буда, бо дарназардошти эффекти “базавӣ” асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои марбутаи пешниҳодот ва мавсимӣ, инчунин барзиёдии талаботи маҷмӯӣ ба амал омад. Дар маҷмуъ раванди таваррум аз нишондиҳандаи дурнамошудаи он (7,0 фоиз) андаке баландтар ҷамъбаст ёфт.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Тибқи таҳлилҳо вобаста ба таъсири омилҳои мавсимию муваққатӣ сатҳи таваррум дар нимсолаи аввали соли 2019 раванди болоравиро дошта, то интиҳои сол ба ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок 7,0%(+/-2 б.ф.) дар давраи миёнамуҳлат нигоҳ дошта мешавад.

Хавфҳои эҳтимолии ба сатҳи таваррум таъсиррасон, аз ҷумла авҷгирии таъсири омилҳои мавсимии пешниҳодот, омилҳои марбутаи берунӣ, аз қабили болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ва тағйирёбии қурби шариконии асосии савдо вуҷуд доранд. Инчунин, боло рафтани бархе аз хазиматрасониҳо ва дигар омилҳои дохилӣ ба зиёд шудани хароҷоти истеҳсолӣ (real mariginal cost), инчунин раванди болоравии рушди иқтисодиёт аз сатҳи иқтидори худ (positive output gap) метавонад ба болоравии сатҳи таваррум таъсир расонад.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок дар давраи миёнамуҳлат бо назардошти омилҳои эҳтимолии болозикр таъсиррасон меъёри бозтамвил, ҳамчун инъикоскунандаи мавқеи сиёсати пулию қарзӣ дар сатҳи муносиб, яъне то 14,75 фоизи солона бетағйир нигоҳ дошта шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки меъёри бозтамвил фишанги калидии танҳо амалиётҳои сиёсати пулию қарзӣ маҳсуб ёфта, дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷонибаи

нишондиҳандаҳои мақсаднок, хавфҳои эҳтимолии пешбинишаванда ва мавқеи сиёсати пулию қарзӣ муқаррар мегардад (рӯнамо замима мегардад).

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома дода, дар мавриди маҳдуд гаштани хавфҳои таваррумӣ эҳтимолияти таҷдиди назар гардидани меъёри бозтамвилро бо дар назардошти баҳодиҳии хавфҳои таваррумӣ, раванди таваррум ва дурнамои он дар ҷаласаҳои навбатии Кумита баррасӣ хоҳад кард.